**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-14 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146**
**E-mail :mtti 2009@mail.ru**

**Тақризи**

**муқаррizи расмӣ ба кори диссертатсионии Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

**Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Таҳлили вазъи имрӯзаи самаранокии истифодаи захираҳои замину об дар соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоюли бадшавии вазъи экологии заминҳои обӣ ба чашм мерасанд. Маврид ба зикр аст, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он қисми зиёди заминҳо заминҳои обёришаванда ба бодхурдашавӣ, шӯразанӣ, баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ мушоҳида карда мешаванд. Мутобиқи маълумотҳои расмӣ бинобар сабаби тоза накардани ҷӯйборҳои обгузар обҳои зеризаминӣ ба боло баромада зиёда аз 2148 гектар замини корам аз гардиши кишоварзӣ бароварда шуд. Чунин ҳолат ба кам шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳо ва таъмини амнияти озуқаворӣи аҳолӣ ниҳоят таъсири манфӣ расонид. Таъсири ин омилҳо ба самаранокии истифодабарии захираҳои замину об ба пастшавии ҳолати сифати замин ва ба коҳиши ҳосилнокӣ оварда расондааст.

Мутаассифона, дар даҳсолаҳои охир ҳаҷми маблағгузории асосии заминҳои обёришаванда ва нигоҳдории ташкилотҳои хоҷагии об, ба таври назаррас кам гардидааст. Дар айни замон, маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории системаҳои обёрии мамлакат танҳо 25-27%-и талаботи воқеии соҳаро таъмин менамоянд, ки ин барои иҷрои чорабиниҳои азнавсозӣ ва таҷдид басанда нест. Масъалаҳои болозикр зарурати интихоби мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионии мазкурро муайян намуд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишвари камзамин ва аҳолиаш солҳои охир рӯ ба афзоиш аст, зиёдкунии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои замин ва об ҳамеша масъалаҳои мубрами таҳқиқоти илмӣ боқӣ мемонад.

Мушкилоти дар боло нишондодашуда зарурияти таҳқиқи назариявию амалӣ ва пешниҳоди самтҳо оид ба самаранокии захираҳои замину об дар ҳар яке аз минтақаҳои кишварро тақозо дорад. Ҳалли масоили мазкур мубрамият ва муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти илмиро муайян намуданд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Аз таҳқиқи кори диссертасионӣ бармеояд,ки ҳадафи таҳқиқот аз асосноккунии илмӣ ва методии самаранокии истифодабарии захираҳои замину об, таҳияи механизми ташкилию иқтисодии идораи захираҳои замин ва об дар шароити ислоҳоти онҳо дар асоси ҷорисозии танзими муносибатҳои бозорӣ иборат аст. Барои ба ҳадаф расидан, унвонҷӯ мақсадҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд. Вобаста ба мухиммияти таҳқиқот дар диссертатсия объекти таҳқиқот, мавзӯъ, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд.

**Объекти таҳқиқот**. Объекти таҳқиқот аз омӯзиш ва таҳқиқи истифодаи самараноки захираҳои замину об дар бахши кишоварзии вилояти Хатлон иборат мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ ва равандҳоеро дар бар мегирад, ки ташаккулёбии самаранокии истифодаи захираҳои замину обро дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ тавсиф менамоянд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** назариёти таҳиянамудаи олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, стратегияву барномаҳо ва дигар асноди меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муаммоҳои идоракунии давлатӣ ва баҳодиҳии иқтисодии замин ташкил додаанд. Ҳангоми таҳқиқот мавриди коркард ва таҳлилу хулосабарориҳо муаллиф усулҳои зерин: усули фарқияти миёнаи мутлақ, таҳлили индексӣ, қаторҳои динамикӣ, монографӣ, бузургии миёнаи арифметикӣ, абстрактию мантиқӣ, гурӯҳбандии аналитикӣ, пешгӯикунии равандҳои иқтисодӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Мавзӯъ ва мазмуни кори диссертатсионии Шарипов Иломжон Орифович ба шиносномаи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) ба зербандҳои 1.2.6. Захираҳои заминии ташкилоти (муассисаҳои) мучтамеи агросаноатӣ ва истифодаи самараноки онҳо; 1.2.14. Банақшагирӣ ва пешгӯии фаъолияти ташкилоти (муассисаҳои) мучтамеи агросаноатӣ; 1.2.15. Фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионии ташкилотҳо (корхонаҳои мучтамеи агросаноатӣ), 1.2.27. Иқтисодиёти ташкилотҳо (корхонаҳо) дар соҳаи хизматҳои кишоварзӣ; 3.2. Тақсимоти маконии захираҳои иқтисодӣ, 3.14. Идоракунии иқтисодиёт, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (рамзи ихтисосҳо: соҳаи илм, гурӯҳи ихтисосҳо, ихтисос, соҳаи илме, ки аз рӯйи он дараҷаи илмӣ дода мешавад), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳеҳӣ ва дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои илмии таҳқикот аз асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва методии муайян кардани самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои

замину об ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии ин захираҳо дар вилояти Хатлон иборат буда, бо натиҷаҳои зерин, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, муайян карда мешаванд:

-мафҳумҳои «самаранокӣ» ва «самаранокии заминистифодабарӣ» аниқ карда шуда, фаҳмиши истилоҳи «истифодаи самараноки захираҳои замину об» ҳамчун низоми муносибат дар байни субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти идоракунии замину захираҳои табиии мавҷуда тибқи қоидаҳои камкунонии хароҷоти иқтисодӣ ва зиёни иқтисодӣ бо мақсади таъмини рушди босуботи минтақаҳо ва бехатарии хӯрокворӣи мамлакат ба вуҷуд оварда шудааст;

-низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар системаи истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити иқтисодиёти гуногуншакл асоснок карда шуд, ки ин ба такмили механизми танзими он мусоидат намуда, таҷрибаи давлатҳои хориҷа оид ба истифодаи захираҳои замину об омӯхта шуда, механизмҳои истифодабарии онҳо дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон таҳқиқ гардидааст;

- чораҳо оид ба такмили механизми истифодабарии захираҳои замину об бо назардошти баҳодиҳии ҳолати имрӯзаи иқтисодии он дар шароити минтақаҳои камзамин ва барзиёдии захираҳои меҳнатии вилояти Хатлон пешниҳод карда шуданд;

-зарурати гузариш аз қоидаи маъмурию ҳудудӣ ба қоидаи гидрографию ҳудудии ташкили идораи захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ асоснок карда шуда, ташкили низоми худмухтори идоракунии ҳар як низоми обёрӣ бо гузариши ояндаи он ба сатҳи миллӣ, ба идораи ҳавзавӣ пешниҳод гардидааст;

-самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои асосии иқтисодии истифодаи интенсивии захираҳои замину об муайян гардида, низоми тадбирҳо ҷиҳати истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираҳои кӯҳӣ, байникӯҳӣ, иҷоравӣ, байниқабатии заминҳо таҳия карда шуда, имконияти истифодаи обҳои чашмаҳо барои обёрии заминҳо кишоварзии ноҳияҳои кӯҳии вилояти Хатлон баҳо дода шудааст;

-бо истифода аз усули фарқияти миёнаи мутлақи оморӣ нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки замин аз рӯйи зироатҳои асосии хоҷагии деҳқонии «Истиқлол»-и ноҳияи Вахши вилояти Хатлон барои соли 2025 пешгӯӣ карда шудааст. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2025 нисбат ба соли 2019 андозаи фоидаи хоҷагии мазкур дар маҷмӯъ ба 82,%, даромаднокии истеҳсолӣ ба 3% афзоиш хоҳад ёфт.

-консепсия ва модели ташкили истифодаи самараноки захираҳои замин ва об барои ноҳияҳои камзамин ва дорои захираҳои барзиёди аҳолии вилояти Хатлон таҳия карда шудааст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯъ, асоснок, сатҳи омӯхта шудани мавзӯи диссертатсионӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳия гардида, объект ва методикаи таҳқиқ, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқ, соҳаи таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва аҳамияти амалии диссертатсия оварда шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об» асосҳои илмии самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об акси худро ёфта, методологияи баҳодиҳии самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об ба таври васеъ маънидод шуда, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба истифодаи захираҳои замину об мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертант иброз медорад, ки захираҳои замин гуфта, заминҳои мунтазам истифодашаванда ё ба истифода мувофиқ барои мақсадҳои аниқи хоҷагидорӣ ва дорои аломатҳои фарққунандаи табиӣ дар назар дошта мешаванд (саҳ.12). Унвонҷӯ дар зербоби 1.1. бештар мафҳумҳои самар, самаранокӣ, самаранокии иқтисодии кишоварзӣ, самаранокии иқтисодӣ аз нигоҳи олимони ватаниву хориҷӣ баён дошта, фикру мулоҳизаҳои худро низ нисбати мафҳумҳои мазкур арзёбӣ кардааст. Ба ақидаи муаллиф самаранокии захираҳои замин пешниҳод кардани нишондиҳандаҳое чун вазни қиёсии киштзори кишоварзӣ дар майдони умумии замин, вазни қиёсии мазраъ дар сохтори киштзори кишоварзӣ, вазни қиёсии кишти зироати кишоварзӣ дар майдони киштзор ва монанди инҳо дуруст нестанд. Зеро афзоиши ин нишондиҳандаҳо метавонад ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда орад, аммо дар ин маврид ба коҳиши ҳосилнокии миёнаи намудҳои гуногуни кишти хоҷагии қишлоқ, барои мисол аз ҳисоби ба гардиши хоҷагӣ ворид шудани заминҳои камҳосил ё заминҳои таҳти таъсироти бодхӯраи обӣ ё шамолӣ оварда расонданаш мумкин аст (саҳ.19). Дар диссертатсия таваҷҷуҳи махсус оид ба захираҳои замину об ва самаранокии иқтисодии захираҳои замин дода шуда, муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳою адабиёти илмӣ таҳқиқ карда дуруст иброз намудааст, ки ба самаранокии истифодабарии замин назар ба воситаҳои дигари истеҳсолот таъсири нисбатан бештарро меъёрҳои дар мамлакат ҷории ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ расонда метавонанд (саҳ.25).

Дар зербоби 1.2.Методологияи баҳодиҳии самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва обро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллифи диссертасия дар кори таҳқиқотии худ бо истифодаи аз методҳои метаматикӣ нишондиҳандаи самаранокии истифодаи заминҳои обшӯйкардашударо ҳисоб кардааст, ки ба онҳо дохил мешаванд: афзоиши ҳосилнокии зироатҳои алоҳидаи кишоварзӣ, дараҷаи азхудкунии низоми обёрикардашуда дар заминҳои корхонаҳои кишоварзӣ, сатҳи баландшавии ҳосилнокии меҳнат, афзоиши даромад аз мелиоратсияи замин, сатҳи даромаднокии хароҷоти ҷорӣ барои мелиоратсия (саҳ.36).

Дар зербоби 1.3. муҳаққиқ таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба истифодаи захираҳои замину обро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Диссертант зимни таҳқиқоти худ оид ба мавзӯи таҳқиқшаванда таҷрибаи мамолики хориҷиро таҳлил карда, дар ҷадвали 1.4. махсусиятҳои истифодабарии захираҳои заминро дар кишварҳои тараққикарда нишон додааст (с.46). Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи хориҷа - истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки барои ислоҳи камбудиҳои зикршудаи истифодаи захираҳои замин, иҷрои маҷмӯи чорабиниҳое заруранд, ки иборатанд аз: а)

марказонидани таваҷҷуҳ ба самтҳои фаъолияти истеҳсолии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки дар асоси ҷаззобияти сармоягузорӣ ва инноватсионии худ фоидаоварии баланди истеҳсолотро таъмин карда метавонанд (с.47).

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Баҳодиҳии ҳолати имрӯзаи истифодабарии захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон» ҳолати имрӯзаи истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон, баҳодиҳии истифодабарии иқтидорҳои мелиоративию обёрикунии хоҷагии кишоварзии вилояти Хатлон, ҷорикунии технологияҳои инноватсионӣ - асоси баландбардории самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Унвонҷӯ дар зербоби 2.1. ҳолати имрӯзаи истифодаи захираҳои замин ва обро дар вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор дода муайян карда аст, ки баробари ин вазни қиёсии ҳамаи заминҳои обёришавандаи корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон нисбати ҷамъи заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ дар соли 2011 7,2%, дар соли 2018 7,4%-ро ташкил дод. Ҳамчунин, вазни қиёсии заминҳои обёришавандаи хоҷагиҳои вилояти Хатлон дар сохтори заминҳои обёришаванда ба ҳаҷми умумии замини обёришавандаи ҷумҳурӣ дар соли 2011 45,3%, дар соли 2018 бошад, 45,0%-ро ташкил дод (с.56).

Диссертант истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон барои солҳои 2011-2018 мавриди таҳқиқ қарор дода, дар байни тамоми майдони замини ҳамаи шаклҳои хоҷагӣ заминҳое, ки ба корхонаҳои кишоварзӣ дахл доранд, 43,7%, хоҷагиҳои деҳқонӣ -50,5%, хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва хоҷагиҳои дигари инфиродӣ - 5,8%-ро ташкил медиҳанд (ҷадвали 2.6, саҳ.61).

Диссертант зимни таҳлилҳо гузаронидашуда истифодаи самаранокии киштзорҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2018 таҳқиқ карда, муайян кардааст,ки дар солҳои таҳлили сатҳи нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии истифодаи замин дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон дар маҷмӯъ тамоили афзоишро доранд. Ҳангоми таҳлилҳои диссертант маълум шуд, ки дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон ба зиёдшавӣ ва нигоҳ доштани саршумори чорвои калони шохдор ва бузу гӯсфанд диққати махсус дода мешавад. Аз ин ҷост, ки дар ин давра саршумори говҳо ба 100 сар, замини корам 22,2% бузу гӯсфанд 23,8% зиёд шудааст. (саҳ.71).

Дар зербоби 2.2. баҳодиҳии истифодабарии иқтидорҳои мелиоративию обёрикунонии хоҷагии кишоварзии вилояти Хатлон аз ҷониби муаллиф дида баромадашуд. Зимни таҳлилҳои унвонҷӯ дар соли 2019 дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон 2046 га, аз он ҷумла дар ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ-14 га, А.Ҷомӣ-443 га, Ёвон -10 га, Н.Хисрав-463 га, Панҷ-13 га, Дӯстӣ–230 га, Кӯлоб-20 га, Восеъ-96 га, Фархор-73 га заминҳои бекорхобида мавҷуданд (саҳ.77). Дар диссертатсия баҳодиҳии ҷамъбастии истифодабарии обро бошад, метавон тавассути нишондиҳандаи самаранокии 1м$^3$ об арзёбӣ намуд, ки таносуби андозаи фоидаро аз парвариши маҳсулоти муайяни кишоварзӣ ба ҳисоби 1 м$^3$ оби истифодашуда ифода менамояд (саҳ.77). Диссертант дар таҳқиқоти худ барои таҳлилҳои қиёсӣ ду хоҷагии калонатаринро мавриди таҳлил

қарор додааст. Дар хоҷагии деҳқонии «Бобои Муродалӣ»-и ноҳияи Кушониён нисбат ба хоҷагии деҳқонии «Истиқлол»-и ноҳияи Вахш сатҳи фоида ба 26,26%, даромаднокӣ ба 31,94%, маҳсулнокии истифодабарии об ба 55,17%, самаранокии 1м³ об қариб ду маротиба зиёд аст (саҳ.80).

Дар зербоби 2.3.диссертатсия ҷорикунии технологияҳои инноватсионӣ- асоси баландбардории самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ба гуфтаи муаллифи диссертатсия яке аз омилҳои асосии инноватсионӣ дар самти истифодабарии захираҳои замин ин технологияи пешқадам дар самти заминдорӣ маҳсуб меёбад. Дар низоми технология се сатҳи шиддатнокӣ пешбинӣ шудаанд, ба монанди технологияҳои олӣ, технологияҳои интенсивӣ (бошиддат), технологияҳои муқаррарӣ (саҳ. 88).

**Дар боби сеюми диссертатсия «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи** захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон» омилҳои афзоиши самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон муайян шуда, роҳҳои баландбардории самаранокии истифодабарии захираҳои замин дар кишоварзӣ дарёфт карда шуда, такмили низоми идораи захираҳои замин дар асоси технологияи инноватсионӣ асоснок карда шудааст.

Зербанди 3.1. оид ба омилҳои афзоиши самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон аз ҷониби муҳаққиқ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Диссертанд дуруст қайд мекунад, ки афзун намудани самаранокии истифодабарии захираҳои замин ҳамеша масъалаи саривақтӣ ва муҳим буд, зеро замин асоси истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ тариқи модели консептуалӣ самтҳои асосии баландбардории самаранокии истифодабарии замин ва обро дар кишоварзӣ нишон додааст, ки барои афзун намудани самаранокии истифодаи захираҳои замин омилҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, инноватсионӣ, молиявӣ-қарзӣ, идоракунӣ ва банақшагирӣ таъсир мерасонанд (саҳ.100).

Аз таҳлили самаранокии иқтисодии истифодабарии замин бармеояд, ки фоида ба 1 га масоҳати кишт соли 2019 нисбат ба дигар давраҳои гузашта тадриҷан афзоиш ёфтааст. Агар нишондоди фоида ба 1 гектар дар соли 2019 ва соли 2015 муқоиса намоем, суръати афзоиши он 27,7%-ро дар бар мегирад. Чунин намуди таҳлилҳои қиёсӣ дар зербоби 3.2. кори диссертатсионӣ роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин дар кишоварзии вилояти Хатлон гузаронида шудааст.

Диссертант дар зербоби 3.3. бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқ усули колератсионӣ ва регресионӣ сатҳи пешгӯии андозаи фоидаи аз фурӯши тамоми маҳсулотҳои асосии кишоварзии хоҷагии деҳқонии «Истиқлол»-и ноҳияи Вахши вилояти Хатлон дар соли 2025 ва сатҳи пешгӯии даромаднокии истеҳсолӣ барои маҳсулоти пахта, гандум, сабзавот ва картошка пешбинӣ кардааст (саҳ. 145).

Дар маҷмӯъ метавон хулоса намуд, ки аз лиҳози асосноккунии мавзӯи мазкур, аз рӯйи баҳогузорӣ намудани самаранокии захираҳои замину об ва коркарди таклифу пешниҳодҳои амалӣ барои беҳтар

кардани самаранок истифода бурдани захираҳои замину об дар вилояти Хатлон дар кори диссертатсионӣ ба мақсад ноил гаштааст.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои дар диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои методии дар ҷараёни таҳқиқи диссертатсионӣ ба даст омадаро, дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, банақшагирӣ ва муайян намудани дурнамои беҳсозии ҳолати замин ва мелиоративии заминҳои вилояти Хатлон истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои илмии кори диссертатсионӣ оид ба такмили механизмҳои иқтисодии танзими давлатии муносибатҳои замин ва обро дар шароити минтақаҳои камзамин ва барзиёдии захираҳои меҳнатии вилояти Хатлон метавон истифода бурд. Ҳамзамон, дастуру пешниҳодҳо ҳисобҳои анҷомдодаи муаллифро метавон дар мавридҳои зерин истифода бурда ба сифати пойгоҳи назариявӣ барои таҳияи минбаъдаи чорабиниҳо оид ба ҳалли мушкилоти истифодаи сарфакоронаи захираҳои замину об ва асосноккунии баландбардории самаранокии заминистифодабарӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и вилояти Хатлон, дар раванди таълими фанҳои иқтисодӣ муҷтамеи агросаноатӣ, ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ, омори кишоварзӣ, таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ, пешгӯикунии равандҳои иқтисодӣ, экология, иқтисодиёти хоҷагии об, усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ, инчунин барои донишҷӯёни равияи иқтисодӣ ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси кормандони муҷтамеи агросаноатӣ.

Дар қатори он муваффақиятҳои илмие, ки дар диссертатсия ба даст омадааст, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, киислоҳи онҳо ба назари мо сифати кори илмии мазкурро баланд мебардоранд.

1. Дар муқаддимаи диссертатсия рӯйхати олимони ватанӣ оварда шудааст, ки оид ба мавзӯи баррсишаванда таҳқиқотҳои илмӣ бурдаанд, Аммо дар матни диссертатсия ақидаҳои баъзеи онҳо оид ба масъалаи мазкур нишон дода нашудааст.
2. Дар зербоби 1.1. ҷанбаҳои масъалаи баррасишаванда мувофиқи таҳқиқ қарор дода шудааст. Фикру мулоҳизаҳои олимони соҳа оид ба мавзӯи мазкур овардашудааст, лекин фикри муаллифи диссертатсия номаълум аст.
3. Дар боби сеюми диссертатсия таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба истифодаи захираҳои замин ва об хуб нишон дода шудааст, аммо ягон тавсия нест, ки кадоме аз ин моделҳо барои Ҷумҳурии мо хусусан барои вилояти Хатлон қобили қабул аст.
4. Хуб мешуд ҳангоми таҳқиқ дар ҷадвалҳои 2.1.,2.2., 2.3, 2.4,2.5. аз сабаби оне, ки объекти таҳқиқи мо дар мисоли вилояти Хатлон аст таҳлилҳои қиёсиро байни минтақаи агросаноатии Бохтар ва минтақаи агросаноатии Кӯлоб гузаронида, хулосабарорӣ карда мешуд.
5. Зербоби 2.1. таҳлилҳои амиқ оид ба захираҳои замини вилояти Хатлон гузаронида шудааст, аммо дар бораи захираҳои об ягон ҷадвалҳои таҳлилӣ вуҷуд надорад.

6. Дар баъзе ҷадвалҳо сарчашмаҳои нишондиҳанда ва маълумот ба таври мушаххас нишон дода нашудаанд.

Камбудиҳои зикршуда хислати ҷузъи дошта, арзиши объективии корро поён намебаранд. Метавон гуфт, ки рисолаи илмии номзадӣ дар сатҳи зарурӣ анҷом дода шуда, кори тамомшуда маҳсуб ёфта, дорои муносибатҳои нави методологӣ ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаи гузошташуда ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия мувофиқ талаботи банди 44 «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертасионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, таҳия карда шудааст. Кори диссертатсионӣ ба талаботи банди 10 «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонӣ илмӣ (дотсент, профессор), банди 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонӣ илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Он аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии диссертатсияро фаро мегиранд ва дар асл натиҷаи таҳқиқро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Маводҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмӣ ва илмӣ-истеҳсолии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шудааст.

Дар маҷмӯъ мавзӯи кори диссертатсионии унвонҷӯ Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон) ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи дараҷаҳои илмӣ ва унвонӣ илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505, тасдиқ гардидааст, мутобиқ ва ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз руй ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**номзади илми иқтисодӣ,**
**мудири кафедраи молия ва қарзи**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба**
**номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Имзои, номзади илми иқтисодӣ,мудири кафедраи молия ва қарз Комилов Н.Б.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**

**Суроға:735360,Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 918579290, email : nizomiddin.komilov@mail.ru**